# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ доир ба диссертатсияи Мирзозода Меҳриддини Шамсуддин дар мавзӯи “Танзими савдои хориҷии хизматрасониҳо дар низоми бисёрҷонибаи савдо”, аз рӯйи ихтисоси 08.00.14.– Иқтисодиёти ҷаҳон.**

Муаллифи диссертатсия Мирзозода Меҳриддини Шамсуддин соли 2014 ихтисоси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии Мирзозода М.Ш. соли 2016 ба ҳайси омӯзгори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав шурӯъ шуда, ҳоло бошад ба ҳайси мушовир-эдвайзери шӯъбаи фосилавии факултети иқтисодии Донишгоҳи мазкур фаъолият намуда истодааст. Аз соли 2017 инҷониб мавзӯи зикргардидаро дар кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тибқи нақшаи тасдиқгардида иҷро намудааст.

Дар раванди омӯзиши масъалаҳои таҳқиқотӣ, ҷамъоварии адабиёт, гузаронидани пажӯҳишҳои илмӣ, таҳлили натиҷаҳои ҳосилшуда, навиштани мақолаҳои илмӣ, иштирок ва бо маърӯзаҳо баромад намудан дар семинару конфронсҳо ва инчунин ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ Мирзозода М.Ш. худро ҳамчун донандаи хуби ҷабҳаҳои илми иқтисодӣ, шахси меҳнатдӯст ва поквиҷдону пурмасъулият муаррифӣ карда тавонист.

Ӯ дар давраи унвонҷӯии худ тамоми вазифаҳои аз тарафи роҳбари илмӣ, кафедра, факултет ва раёсати илми донишгоҳ супоридашударо сари вақт ва бо сифати баланд иҷро намуда, аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти худ дорои сифатҳои мутахассиси ташаккулёфта ва соҳиби маърифату фарҳанги баланд буданро нишон додааст.

Унвонҷӯ Мирзозода М.Ш. бо истифода аз маводи зиёди илмию амалии аз китобхонаҳо ва интернет дастраснамудааш қобилияти мустақилона иҷро намудани таҳқиқоти назариявӣ ва амалии худро ривоҷу равнақ додааст. Ӯ аз рӯйи натиҷаҳои мавзӯи таҳқиқотиаш якчанд маротиба дар конфронсҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохили донишгоҳӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Мирзозода М.Ш. аз рӯйи мавзӯи таҳқиқотиаш 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки 5-и онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотии ӯ аз тарафи мутахассисони пешбари соҳа

баҳои баланд гирифтаанд. Интишороти илмии муаллиф бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашудаи рисоларо инъикос мекунанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таҳқиқоти илмии Мирзозода Меҳриддини Шамсуддин кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои кофии касбӣ буда, метавонад аз руйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ мустақилона масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузаронад ва онҳоро ҳал намояд.

Дар маҷмӯъ Мирзозода М.Ш.-ро метавон ҳамчун корманди илмӣ-омӯзгории ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор буда тавсиф кард.

Диссертатсияи Мирзозода Меҳриддини Шамсуддин дар мавзӯи: “Танзими савдои хориҷии хизматрасониҳо дар низоми бисёрҷонибаи савдо” ба талаботи дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи шиносномаи аз рӯйи ихтисоси 08.00.14– Иқтисодиёти ҷаҳон омода гардидааст ва барои гузаронидани ҳимоя дар назди Шӯро пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, муовини вазири
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Д.Б.

Имзои Қодирзода Д.Б.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулзода Ф.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС